# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба "Тартиби ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо""

Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба "Тартиби ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо"" бо мақсади содда намудани раванди ҷалби агентҳо (субагентҳо)-и бонкии пардохтӣ (АБП/САБП) ва такмил додани назорати фаъолияти онҳо таҳия гардид.

Дар доираи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур масъалаҳои зерин мавриди танзим қарор мегиранд:

- мушаххас намудани номгӯи хизматрасониҳои аз ҷониби АБП/САБП пешниҳодшаванда;
- содда намудани тартиби ҷалби АБП/САБП;
- такмилдиҳии шакли ҳисоботи аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшаванда.

Инчунин, бо назардошти тағйиру иловаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" даровардашуда, дар лоиҳа истилоҳи "ташкилоти қарзӣ" ба "ташкилоти қарзии молиявӣ" иваз карда шудааст.

Қабули лоиҳаи қарори мазкур дастрасии аҳолиро хусусан дар минтақаҳои дурдаст ба хизматрасониҳои бонкӣ васеъ намуда, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин, хароҷоти ташкилотҳои қарзии молиявиро барои васеъ намудани ҳузури худ дар манотиқи кишвар коҳиш дода, боиси зиёд кардани фоида ва дар навбати худ афзун гардидани даромади андозӣ ба иқтисодиёти мамлакат мегардад.

Лоиҳаи мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд.

Департаменти низоми пардохт